## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи “Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Имрӯз таҳсилоти муосир дар марҳилаи таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои басо пурмасъулият гузошта мешавад. Бояд дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар хонандагон ҳиссиёти қавӣ ба таҳсилот ва аз худ намудани асосҳои донишҳои илмӣ бедор карда шавад. Ҳамзамон, дар марҳилаи ислоҳоти соҳаи маориф аз кормандони масъули соҳаи маориф ва омӯзгорон босалоҳиятнокӣ ва дорои тафаккури эҷодиро талаб мекунад. Ҳамзамон, барои шаҳрвандони ҷомеаи муосир, шахсони дорои маънавияти баланд ва фаъоле заруранд, ки қобил бошанд амалҳои созандаро дар шароити гуногун роҳандозӣ намуда, маҳорати ҳамкорӣ, фаъолиятнокӣ ва созандагиро намоиш дода тавонанд. Маълум аст, ки ноил гардидан ба ин ҳадаф бе баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таҳсилӣ ва муносибати мусбат ба таълим амали мушкил аст.

Имрӯз метавон гуфт, ки маърифатнокии хонандагон афзоиш ёфта, нерӯи зеҳнии хонандагон барои азхудкунии асосҳои донишҳои замонавӣ тақвият ёфта истодааст ва хонандагон метавонанд овони таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ин ё он равияи таълимро интихоб намоянд. Таълими равиявӣ бошад, воситаи фардисозӣ ва фарқгузории раванди таълимӣ буда, имкон медиҳад, то ки мазмун, сохтор ва ташкили раванди таълим тағйир дода шуда, майлу рағбат, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ба назар гирифта шуда, пешзаминаҳо барои таълими хонандагони синфҳои

болой мутобиқан бо мақсадҳои онҳо ва майлу рағбатҳои касбӣ ташаккул дода шаванд.

Дар соҳаи таҳсилоти муосир таълими равиявӣ ба азхудкунии амиқи донишҳо мусоидат намуда, ҳамзамон ба омодасозии хонандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар қадар рағбати хонандагон дар муасссисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо интихоби касб муайян шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти бештар вуҷуд дорад, ки ҷомеа дар оянда мутахассиси эҷодкор ва соҳибкасби хубро ба даст орад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

1. Технология доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти марҳилавӣ будани амалисозии амсилаи таҳияшуда ва шароити фаолият ва ташаккули натиҷаноки онро таъмин менамояд.

2. Амсилаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти хоси он консепсияи корбасти ҳадди аксари имкониятҳои таълими равиявӣ барои ноилшавӣ ба марҳилаи эҷодию таҳаввулдиҳандаи салоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ аз ҷониби хонандагон мебошад.

3. Маҷмӯи шароити педагогии фаъолият ва ташаккули босифат дар низоми таълими равиявии амсила доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷиҳати назариявӣ далелнок карда шуда, аз ҷиҳати озмоишӣ мавриди санҷиш қарор гирифт.

Асоснокӣ ва муътамад будани натиҷаҳои таҳқиқот тавассути услуби муносибати бонизом, контсепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва даврӣ (эмпирикӣ), инчунин натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, тасдиқи мафҳумҳои дар фарзия баёнгардида, маҷмуи услубҳои, ба ҳар як марҳилаи таҳқиқот мувофиқ, таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати омӯзгор, таъмин карда мешавад.

Ҳамчунин эътимоднокӣ ва самаранокии рисолаи илмиро натиҷаҳои тадқиқот, тамоюл ба корҳои назариявӣ дар таълими равиявӣ усулҳое, ки дар

таҳқиқот истифода шудаанд, натиҷаҳои озмоишӣ педагогӣ, ҳузури шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия нишон дода шудаанд исбот гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки: дар низоми таълими равиявӣ асосноккунии маҳсулнокии ҳаллу фасли масъала доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз мавқеи муносибатҳои низомию фаъолиятӣ, шахсиятӣ ва салоҳиятнокӣ гузаронид шуд, ки имкониятҳоро дар ташаккули минбаъдаи назария доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ фароҳам месозад; мафҳуми "салоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагоги синфҳои болоӣ" мушаххас карда шуд, ки аз ҷониби мо ҳамчун рушдёфтагии таҷрибаи истифодаи босифати малакаҳои умумитаҳсилӣ дар шароити фаъолияти таҳсилӣ барои гузориши мустақилонаи вазифаҳои гуногун ва ҳаллу фасли онҳо таъриф гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо инҳо муайян мешавад:

маводи дидактикие таҳия шуданд, ки сатҳҳои гуногуни супориш, сарбориҳои ба воя тақсимшудаи таълимӣ, усулҳо ва шаклҳои инфиродии таълимиро, ки ба инкишоф дар низоми таълими равиявӣ ва оптималӣ будани машғулиятҳои таълимӣ мутамарказ гардидаанд, дар бар мегиранд;

тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагон таҳия шуданд;

меъёрҳои арзёбие, ки имкон медиҳанд сифатнокии рушди салоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ муқаррар карда шавад, таҳия шуданд.

Натиҷаҳои дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот бадастомадаро барои истифода дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёна, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии касбии педагогӣ, тавсия дода мешавад.

Натиҷаҳои аз ҷониби унвонҷӯ бадастомада имкон медиҳанд дар бораи ихтисоснокии баланди муаллиф хулоса баровард, ки қобил аст маълумоти ибтидоиро мавриди таҳлил қарор дода, натиҷаҳои бадастомадаро дар кори

худ истифода барад.

Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Муқаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар маводи нашрияҳои муаллиф дар шакли мақолаҳо ва фушурдаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Аз ҷумлаи онҳо, 8 мақола дар нашрияҳои сабти КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзӯи "Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

Маълумот барои тамос: Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: azizi69@mail. ru

Имзои А. Р. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш. Н.

«11» 07 2025